АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ

CBRN SAFETY AND SECURITY AGENCY

2003

## ДАР БОРАИ МО




### «МАҚОМИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ - АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОӢ ДАР НАЗДИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БУДА, МИНБАЪД МАҚОМИ ТАНЗИМГАР НОМИДА МЕШАВАД, КИ СИЁСАТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИРО АМАЛӢ МЕНАМОЯД...».

1 - уми ноябри соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви АБНА (Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ) шуд ва зарурати эҷоди сохтори танзимкунанда дар соҳаи амнияти радиатсионӣ ба вуҷуд омад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 3594 (16.1-2) аз санаи 18-уми сентябри соли 2002 дар ибтидо дар таркиби Президиуми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Агентии энергияи атомӣ ва сипас дар заминаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Президиуми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 112 аз санаи 25.12.2002) ташкил карда шудааст.

Соли 2003 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии радиатсионӣ” Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсиониро дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ААЯР АИ ҶТ) мутобиқи моддаи 6-и қонуни мазкур ААЯР АИ ҶТ ҳамчун мақоми танзимкунандаи кишвар, ки сиёсати ягонаи давлатиро татбиқ мекунад ва фаъолияти мақомоти дигари ваколатдорро ҳамоҳанг месозад, таъсис дод.

Мувофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон № 117 аз 5 ноябри соли 2021 номи Агентии бехатарии ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ААХБРЯ АМИТ) тағйир дода шуд.

## САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ:

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ талаботро барои татбиқи принсипҳои ҳифозати радиатсионӣ оид ба ҳама гуна ҳолатҳои радиатсия муқаррар мекунад, ки онҳо маънои зеринро далолат мекунанд:

- дар ҳолатҳои радиатсия ба нақша гирифта шуда, ҳамзамон масъули таъмини ҳифозат ва бехатарӣ махсуб ёфта, дар мавридҳои зарурӣ мутобиқи талаботи дахлдори зерин амал мекунад;

- дар ҳолатҳои радиатсия (шуоъзании) садамавӣ ва радиатсияи мавҷуда, масъули таъмини ҳифозат ва бехатарӣ мебошад,

- дар ҳама гуна ҳолатҳои радиатсия масъули кафолати ҳифозат ва бехатарӣ ба ҳисоб меравад.

- дар ҳолатҳои радиатсия ба нақша гирифта шуда, ба истиснои радиатсияи (шуоъзании) тиббӣ, масъули таъмини ҳифозат ва бехатарӣ мебошад, ки дар мавридҳои зарурӣ тибқи талаботи дахлдор амал менамояд.

- татбиқи талабот ба системаи таъмини ҳифозат ва бехатарӣ бояд муносиб ба андозаи хавфҳои радиатсионӣ ва алоқаманд бо вазъияти радиатсия бошад;

- ҳамзамон муқаррарот ва дастурамалҳои танзимкунандаро оид ба масъалаҳои муҳофизат ва бехатарӣ муқаррар ё қабул мекунад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ системаи танзимкунандаро барои таъмини муҳофизат ва бехатарӣ эҷод мекунад, ки он мавридҳои зеринро дар бар мегирад:

-истифода аз хабарномаҳо ва иҷозатномаҳои расмӣ;

- баррасӣ ва арзёбии дастурҳо оид ба самти фаъолият;

- бозрасии қоидавии дастурҳо ва фаъолият;

- таъмини риояи (татбиқи қонун) талаботи танзимкунанда, ки ба ҳолатҳои радиатсияи садамавӣ ва инчунин радиатсияи мавҷуда робита доранд;

-додани иттилоот ва машваратҳо ба ҷонибҳое, ки ба қарорҳои қабулкардаи онҳо дахл доранд ва инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ рӯкарди гуногунсозишударо ҷиҳати амалисозии системаи таъмини муҳофизат ва бехатарӣ тавре татбиқ мекунад, ки истифодаи талаботи танзимкунанда бояд муносиб ба андозаи хавфҳои радиатсия бо вазъи радиатсия бошад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ татбиқи талаботро вобаста ба таҳсилот, омодагӣ ва сертификатсия, сахми асосии ҳар кадомро дар соҳаи муҳофизат ва бехатарӣ барои ҳамаи шахсоне таъмин менамояд, ки дар фаъолияти ААЯР АМИТ мавҷудияти механизмҳо барои бамавқеъ паҳн кардан дар бинои тарафҳои дахлдор ба монанди таъминкунандагон ва истифодабарандагони манбаъҳо ва иттилоотро дар бораи сабақҳо дар соҳаи таъмини амният ва инчунин бехатарӣ, ки аз таҷрибаи танзимгарӣ, баҳрабардорӣ аз ҳодисаҳо ва садамаҳои ба вуқуъ пайваста низ тамоми хулосаҳои дахлдори гирифташударо ҳамаҷиҳата таъмин мекунад.

Механизмҳои эҷодшуда дар ҳолатҳои муайян барои вогузор кардани иттилооти муносиб ба дигар ташкилоти дахлдор дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ истифода бурда мешаванд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ҳамкории судманд бо дигар мақомоти дахлдор аз тариқи танзим ва инчунин бо истифодаи меъёрҳои муқаррарӣ талаботро иҷозат дода, ҳамзамон бо мақсади истифода бурдан ва хусусиятҳои баҳрабардории ҳар як манбаи мавҷуда ё тарҳрезишуда, дастгоҳҳо, қисмҳои таҷҳизот ё сохтмонҳоеро, ки баҳрабардорӣ аз онҳо муҳофизат ва бехатариро тақозо мекунанд, робита барпо менамояд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ тадбирҳои заруриро бо мақсади пешбарӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳои дахлдор низ меандешад.

Ҳуҷҷатҳои мазкур иборатанд аз:

-махзани манбаъҳои баста ва генераторҳои радиатсия;

- бақайдгирии дозаҳои радиатсияи касбӣ;
- қайдҳои махсус вобаста ба таъмини амнияти дастгоҳҳо ва тарзи фаъолият;
- қайдҳои дахлдор мумкин аст, ки вобаста ба таваққуф ва инчунин баҳрабардорӣ ва холӣ кардани дастгоҳҳо аз ҳисоби баста шудани онҳо лозим шаванд;
- гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳо, аз он ҷумла ихроҷи маводи радиоактивӣ ба муҳити зист;
-рӯйхати баҳисобгирии (инвентарии) пасмондаҳои партовҳои радиоктивӣ ва маводи сӯхти истифодашуда.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ механизмҳоро барои коммуникатсия ва баррасӣ эҷод мекунад, ки онҳо нигоҳдории ҳамкории касбӣ ва созандаро бо тарафҳои дахлдор ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳои марбут ба муҳофизат ва бехатариро тақозо менамоянд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ гузаронидани машваратҳоро бо мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи тандурустӣ ташкил менамояд ва инчунин дигар тадбирҳои судмандро ҷиҳати таъмини муҳофизат ва бехатарӣ ҳангоми бархӯрд бо ҷасадҳои фавтидагон ё худ боқимондаҳое, ки дар ҳолатҳое, ки маълум аст онҳо баста ё бо роҳи радиоактивӣ дар натиҷаи истифода аз тарзуламалҳои радиологӣ ҳангоми муолиҷаи тиббӣ дар натиҷаи ҳолати садамавӣ ба амал омаданд ҳамаҷиҳата меандешад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ системаи менеҷментро (идоракуниро) тавре фаъол мекунад, ки ба ҳадафҳои мақоми танзимкунанда ба таври пурра ва комилан мутобиқат намоянд ва ба он ҳеҷ як монеаеро эҷод накунад.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ


1. Чорабиниҳои агентӣ ........ 5

ИФТИТОҲИ ФИЛИАЛИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ........ 5

СЕМИНАРИ МАШВАРАТӢ ОИД БА ТАШКИЛ НАМУДАНИ КОР БО АҲОЛӢ ВА ТАРАФҲОИ МАНФИАТДОР ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ ........ 6

МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАГОНИ АҲОЛӢ ВА ҶОНИБҲОИ ҲАВАСМАНД ДАР ҶАМОАТИ ҒОЗИЁНИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ ........ 7

КУРСИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ МАТБУОТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ БАЪЗЕ НОҲИЯҲО ВА ШАҲРҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИДАНИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ ........ 8

ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ АҲОЛӢ ВА ҶОНИБҲОИ ҲАВАСМАНД ДАР ҶАМОАТИ ҒОЗИЁНИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ ........ 8

ИНТИХОБИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ИШҒОЛ НАМУДАНИ ВАЗИФАҲОИ ХОЛӢ ДАР АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ АМИТ ........ 9

2. Корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ........ 10

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ДАР СОЛИ 2022 ........ 10

3. Ҳамкориҳои миллӣ ва байналмилалӣ ........ 13

МДИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲО”- И АМИТ ДАР ҲАМКОРӢ БО МАГАТЭ ТАРЗҲОИ НАВИ ТАҲҚИҚОТ ВА ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОРО РОҲАНДОЗӢ МЕНАМОЯД ........ 13

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТ БА ИНСТИТУТИ ТИББИ ВЕТЕРИНАРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА ........ 14

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ЗАМОНАВӢ АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 16

МАРОСИМИ БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ДЕТЕКТОРҲОИ МУОСИРИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ ДАР НУҚТАИ ГУЗАРГОҲИ ГУМРУКИИ «ФОТЕҲОБОД» ........ 17

ВОХӮРИИ ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ БО НАМОЯНДАГОНИ ШУЪБАИ ҲАМКОРИҲОИ ТЕХНИКИИ АБНА ........ 18

ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ БО НАМОЯНДАГОНИ ШУЪБАИ КАФОЛАТҲОИ АБНА ........ 19

66-УМИН ИҶЛОСИЯИ КОНФРОНСИ ГЕНЕРАЛИИ АБНА ........ 19

ҶАЛАСАИ МАШВАРАТИИ БАЙНИИДОРАВИИ РУСИЯВУ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БИОЛОГӢ ........ 22

БОЗДИДИ КОРШИНОСИ АБНА АЗ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН” ........ 22

ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО ҶИҲАТИ ОМОДА ВА ПЕШНИҲОДИ ЛОИҲАҲОИ БАРНОМАИ ҲАМКОРИИ ФАННИИ АБНА БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2025 ........ 24

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 25

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПУРДАНИ ТАҶҲИЗОТ БА КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 26

ЁДДОШТИ ҲАМКОРӢ БО КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҚСАДИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА ........ 26

МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ЗАМОНАВӢ АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 27

4. Бахши миллии “Хонуми ядроӣ” ........ 28

КОНФРОНСИ 3 - ЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛИИ «НАҚШИ ЗАНОНИ ОЛИМ ДАР РУШДИ ИЛМ, ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯ» ........ 28

БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ «ДАСТАРХОНИ ТАОМҲОИ МИЛЛӢ» ........ 30

МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 2-ЮМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСИ КЛУБИ “ХОНУМИ ЯДРОӢ” ........ 31

## 1. Чорабиниҳои агентӣ

### ИФТИТОҲИ ФИЛИАЛИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

9 – уми августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро дар вилояти Суғд расман ифтитоҳ бахшиданд.




Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳанӯз моҳи августи соли 2004 бо қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд.

Филиали Агентӣ аз маъмурият, сектори илмӣ - таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ, бахши иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва вокуниш ба садамаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ иборат аст.

Бинои нави филиали Агентӣ дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд бо мақсади амалӣ намудани ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва инчунин бо мақсади татбиқи Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба безараргардонӣ ва солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024” бунёд карда шудааст.



Бинои нави филиали Агентӣ аз 3 ошёна, таҳхона, 2 ошёнаи болоӣ дар масоҳати қитъаи замини 607 метри мураббаъ иборат буда, аз ҷониби бинокорони шуъбаи сохтмони асосии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сохта шудааст.

Сохтмони бинои филиали Агентӣ моҳи майи соли 2021 оғоз ва моҳи июни соли 2022 анҷом ёфтааст.

Дар ошёнаи якуми бино ҳуҷраҳои кории кормандон, қабулгоҳ барои шаҳрвандон, ҳуҷраҳои кории секторҳои филиали Агентӣ, бахши илмӣ-таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ, сектори иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва вокуниш ба садамаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, толори маҷлисгоҳ ҷойгир карда шудаанд.



Дар ошёнаи дуюми бино як толори барҳавои замонавӣ барои 40 ҷойи нишаст ва 2 ҳуҷраи махсус мавҷуд буда, барои фаъолияти маркази матбуот ва инчунин маркази омӯзишӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар таҳхона озмоишгоҳҳо ҷойгир карда шуда, дорои 4 ҳуҷраи корӣ мебошанд. Озмоишгоҳҳои радиохимия ва спектрометрия бо таҷҳизоти муосири ченкунии фони радиатсионӣ, дозаи радиатсионӣ ва гузаронидани таҳлилҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муҷаҳҳаз карда шудааст.

Инчунин, дар филиали Агентӣ озмоишгоҳҳои сайёр таъсис дода шудаанд, ки бо мошинҳои махсус барои интиқоли маводу партовҳои радиоактивӣ ва ҳамзамон муайян намудани гардиши ғайриқонунии маводи радиоактивӣ муҷаҳҳаз мебошанд.



Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо бинои навбунёди филиали Агентӣ, шароитҳои кории фароҳам оварда шуда аз наздик шинос гардида, ҳамзамон таъкид доштанд, ки ин ниҳоди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва ҳамоҳангсози амнияти химиявӣ ва биологӣ нақши басо муҳимми худро дорад.

Дар филиали Агентӣ дар маҷмуъ 20 нафар кормандон, аз ҷумла доктарон ва номзадҳои илм фаъолият менамоянд, ки қисмати асосии кормандонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки дар марказҳои бонуфузи илмии мамлакатҳои пешрафта таҳсил ва аз таҷрибаомӯзӣ гузаштаанд.



Бояд гуфт, ки филиали Агентӣ дар танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва ҳамоҳанг сохтани кор дар самти амнияти химиявӣ ва биологӣ дар вилояти Суғд нақши муҳим дорад.

Инчунин, маросими оғози сохтмони бинои филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Хатлон соли 2023 пешбинӣ шудааст.

## СЕМИНАРИ МАШВАРАТӢ ОИД БА ТАШКИЛ НАМУДАНИ КОР БО АҲОЛӢ ВА ТАРАФҲОИ МАНФИАТДОР ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ

Рӯзҳои 20 - 21 майи соли 2022 дар шаҳри Душанбе семинари машваратӣ оид ба ташкил намудани кор бо аҳолӣ ва тарафҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилоти солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовгоҳҳои радиоактивӣ дар вилояти Суғд дар доираи татбиқи Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014 – 2024” доир гардид.



Дар семинар намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии як қатор ноҳияву шаҳрҳои вилояти Суғд, мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ ва намояндагони Дафтари Барномаи САҲА дар шаҳри Душанбе ширкат варзиданд.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои огоҳонидани аҳолӣ ва ҷонибҳои манфиатдор оид ба маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ, бехатарии радиатсионӣ, мониторинг ва инчунин роҳҳои ҳалли мушкилоти солимгардонии маҳфузгоҳҳои вилояти Суғд мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин мушкилоти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои саноати истихроҷи уран ва пешниҳодҳо оид ба беҳбудии шароити зиндагии мардум мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Лозим ба тазаккур аст, ки Пажӯҳишгоҳи маркази лоиҳакашӣ-технологӣ

(ҶСК «ЦПТИ», корхонаи Ширкати сӯзишвории Росатом «ТВЕЛ») дар тендер оид ба таҳияи ҳуҷҷатҳои корӣ ва иҷрои кор дар мавзеи “Табошар”-и вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб даниста шуд, ки дар доираи татбиқи Барномаи мақсадноки байнидавлатии «Солимгардонии қаламрави давлатҳое, ки аз истихроҷи уран зарар дидаанд» дар назар аст, ки то охири сол ба кор шуруъ намояд.



Бинобар ин, масъалаҳои огоҳонидани аҳолӣ ва ҷонибҳои манфиатдор оид ба солимгардонӣ аҳаммияти хоса доранд. Баргузории чунин семинарҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилояти Суғд мусоидат мекунанд, ки ин самтро хубтар дарк намуда, иттилоотро ба аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дуруст пешкаш намоянд.



Семинари мазкур аз ҷониби Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо дастгирии САҲА дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи «Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор барои барқарорсозии мавзеъҳои дорои уран дар Осиёи Марказӣ, марҳалаи II» ташкил карда шуд.



## МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАГОНИ АҲОЛӢ ВА ҶОНИБҲОИ ҲАВАСМАНД ДАР ҶАМОАТИ ҒОЗИЁНИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ



Дар чаҳорчӯбаи амалӣ намудани Консепсияи миллӣ оид ба “Солимгардонии партовгоҳҳои радиоактивӣ” дар бинои Ҷамоати Ғозиёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд рӯзҳои 4 - 5 - уми марти соли 2022 мулоқот бо намояндагони ҷамоат ва ҷонибҳои манфиатдор баргузор гардид.

Дар ҷараёни баргузории вохӯрӣ вазъи ҳозираи партовгоҳҳои радиоактивии “Дехмой”, ки дар наздикии Ҷамоати Ғозиён ҷойгир аст, баррасӣ гардида, иштирокчиён бо лоиҳаҳои солимгардонии ба нақша гирифта аз наздик шинос карда шуданд. Қайд карда шуд, ки ҷалб намудани аҳолӣ ва ҷонибҳои ҳавасманд дар вақти иҷрои корҳои солимгардонӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои солимгардонии минтақаҳои ифлосшуда мебошад.

Раисони ҷамоатҳо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ якдилона дастгирӣ намуданд. Дархост карда шуд, ки варақаҳои иттилоотӣ омода карда

шуда, дар байни аҳолӣ бештар ба таври ройгон паҳн карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки ин мулоқоти судбахш аз ҷониби мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо дастгирии САҲА дафтари барнома дар шаҳри Душанбе дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи “Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилот доир ба партовҳои уран дар Осиёи Марказӣ, марҳалаи II” гузаронида шуд. Дар назар аст, ки дар соли ҷорӣ корҳо доир ба солимгардонӣ дар мавзеи “Деҳмой” - и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд низ оғоз хоҳанд гардид.

## КУРСИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ МАТБУОТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ БАЪЗЕ НОҲИЯҲО ВА ШАҲРҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИДАНИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ



Дар чаҳорчӯбаи амалӣ намудани Консепсияи миллӣ оид ба “Солимгардонии партовгоҳҳои радиоактивӣ” дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон, дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд аз 21-ум то 23-юми феврали соли 2022 курси омӯзишӣ барои кормандони соҳаи матбуоти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии баъзе ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилояти Суғд оид ба иттилоотонии аҳолӣ дар бораи партовгоҳҳои радиоактивӣ баргузор гардид.



Ба иштирокчиёни курс хусусиятҳои пешниҳод намудани маълумот оид ба лоиҳаҳои солимгардонии партовҳои радиоактивӣ, инчунин дарк намудани масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ маърӯза карда шуд.

Курси омӯзишӣ аз ҷониби мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо дастгирии САҲА дафтари барнома дар шаҳри Душанбе, дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи “Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилот доир ба партовҳои уран дар Осиёи Марказӣ, марҳалаи II” гузаронида шуд.



Дар назар аст, ки дар соли 2023 корҳо доир ба солимгардонӣ дар мавзеи “Табошар” – и шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд низ оғоз шуда, котибони матбуотӣ аз ҷараёни иҷрои ин лоиҳа ба аҳолӣ ва ҷонибҳои манфиатдор иттилоъ хоҳанд дод.

## ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ АҲОЛӢ ВА ҶОНИБҲОИ ҲАВАСМАНД ДАР ҶАМОАТИ ҒОЗИЁНИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР БОРАИ ОГОҲОНИИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ СОЛИМГАРДОНИИ ПАРТОВГОҲҲОИ РАДИОАКТИВӢ



Дар чаҳорчӯбаи амалӣ намудани Консепсияи миллӣ оид ба “Солимгардонии партовгоҳҳои радиоактивӣ” дар толори

маҷлисгоҳи Ҷамоати Ғозиёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд рӯзҳои 4 - 5 марти соли 2022 вохӯрӣ бо намояндагони ҷамоат ва ҷонибҳои манфиатдор баргузор гардид.

Зимни баргузории мулоқот вазъи ҳозираи партовгоҳҳои радиоактивии "Деҳмой", ки дар ҳудуди Ҷамоати Ғозиён ҷойгир аст, мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки иштирокчиён бо лоиҳаҳои солимгардонии ба нақша гирифта шинос карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки ҷалб намудани аҳолӣ ва ҷонибҳои ҳавасманд дар вақти баргузории корҳои солимгардонӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои солимгардонии минтақаҳои ифлосшуда мебошад.



Раиси Ҷамоати Ғозиён гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ дастгирӣ намуд. Ҳамзамон аз ҷониби иштирокчиёни мулоқот таклиф таклиф карда шуд, ки варақаҳои иттилоотӣ омода карда шуда, байни аҳолӣ ройгон тақсим карда шаванд.

Вохӯрӣ аз ҷониби мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ бо дастгирии САҲА дафтари барнома дар шаҳри Душанбе дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи "Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилот доир ба партовҳои уран дар Осиёи Марказӣ, марҳалаи II" гузаронида шуд. Дар назар аст, ки соли 2023 корҳо доир ба солимгардонӣ дар мавзеи "Деҳмой" – и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд оғоз мегарданд.

## ИНТИХОБИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ИШҒОЛ НАМУДАНИ ВАЗИФАҲОИ ХОЛӢ ДАР АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ АМИТ



Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар таърихи 27-уми декабри соли 2021 барои ишғол намудани вазифаҳои холии зерин озмун эълон намуда буд:
-муовини директор оид ба илм ва таълим (доктор, номзади илм);
-котиби илмӣ (доктор, номзади илм);
-директори филиали ААХБРЯ АМИТ
-мудири шуъбаи илмӣ - таҳқиқотӣ (доктор, номзади илм);
-мудири шуъбаи иҷозатномадиҳӣ, назорат ва эътино ба садамаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ (доктор, номзади илм);
-мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеа (доктор, номзади илм);
-мудири сектори хизматрасонии назорати шуоъхӯрии касбӣ (номзади илм);
-мудири сектори хизматрасонии назорати шуоъхӯрии беморон ва аҳолӣ;
-мудири сектори хизматрасонии таълим ва омӯзиш;
-мудири сектори хизматрасонии махсус.



Мавриди зикр аст, ки санаи 7-уми феврали соли 2022 раиси Шурои олимони Агентӣ Мирсаидзода Илҳом оид ба интихоб намудани довталабон дар вазифаҳои дар боло зикргардида баромад намуда, қайд кард, ки баҳри ишғоли вазифаҳои мутазаккир ҳуҷҷатҳои зарурӣ ворид гардиданд.

Сипас, ҳар як довталаб мухтасар аз дастовардҳои илмии худ ва ҳамзамон дурнамои фаъолият баромад намуд. Барои гузаронидани расмиёти овоздиҳӣ ба довталабон комиссияи ҳисоботӣ таъсис дода шуд.

Баъди таъсиси комиссияи ҳисоботӣ аъзои Шуро номзадҳоро ба овоздиҳии пинҳонӣ гузоштанд. Дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ довталабон ба вазифаҳои холии дар боло зикргардида интихоб гардиданд.

Дар анҷоми ҷамъомад Илҳом Мирсаидзода ҳамаи интихобшудагонро ба вазифаҳои ишғолнамудаашон самимона табрик намуда, инчунин ба онҳо дар робита ба бозомӯзии кадрҳо, тарбияи кадрҳои ҷавон аз ҳисоби бонувон, ки донишҳои мукаммали муосир доранд, дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Директори Агентӣ Илҳом Мирсаидзода ҳамзамон қайд намуд, ки ҳар кадоми шумо бояд содиқона ва бо масъулияти баланди меҳандӯстӣ манфиатҳои миллату давлатро аз дигар манфиатҳои шахсӣ боло гузошта бо дасту дили пок ба нафъи давлату миллат хизмат намоед.

## 2. КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ) сохтори асосии миллӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ буда, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт амалӣ месозад, инчунин фаъолияти истифодабарии манбаъҳои афканишоти ионофарро танзим менамояд. Теъдоди кормандон дар маҷмуъ 60 нафар буда, (аз онҳо 12 нафар - дар филиали Агентӣ дар шаҳри Бӯстон), доктороні илм - 5 нафар, номзадҳои илм - 14 нафарро ташкил менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ Агентӣ фаъолияти худро тибқи нақшаи муқаррарии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ташкилӣ ва тибқи дастуру супоришҳо ва инчунин фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати АМИТ ба роҳ мондааст.

Дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 500 супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин Раёсати АМИТ иҷро гардида, ба дархостҳои вазорату идораҳо посухҳо фиристода шуданд.

Агентӣ, ҳамоҳангсози миллӣ барои ҳамкорӣ бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА), ҳамоҳангсози миллӣ барои амалӣ намудани Нақшаи миллии амали Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи қатъномаи 1540-и Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ҳамоҳангсози миллии амалинамоии Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол, захирасозӣ ва истифодаи силоҳи химиявӣ ва нобудсозии онҳо ва ҳамоҳангсози миллии амалинамоии Конвенсия оид ба манъи коркард, истеҳсол ва ҷамъ намудани захираҳои силоҳи бактериологӣ (биологӣ), токсинӣ ва нест кардани онҳо мебошад.

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ДАР СОЛИ 2022

Дар мавзуи илмии “Асосҳои физикию химиявии ҷудо намудани консентратҳои уранӣ аз маъданҳо ва партовҳо” корҳои илмӣ-таҳқиқотии нав тавассути таҳлили термикии дифференсиалии маъданҳои урандори конҳои Тоҷикистон: «Тоҷикистони Ғарбӣ», «Тоҷикистони Марказӣ» ва «Тоҷикистони Шимолӣ - 2» омӯхта шуда, табдилёбии минералҳои дар ин маъданҳо буда арзёбӣ карда шуданд.

Барои кор дериватографи Labsys Evo-1600 аз Ширкати “Setaram” истифода карда шуд. LabSys Evo ин дериватографи муосир (анализатори ҳароратии синхронӣ) мебошад. Он дар худ гузаронидани яквақтаи термогравиметрия ва калориметрияи дифференсиалии сканериро (ТТГ-ТТД/КДС) муттаҳид намуда, дорои ҳассосияти баланд ва таҳлили дақиқ мебошад. Таҳлили

термикии дифференсиалии (ТТД) намунаҳои маъдани урандори кони «Тоҷикистони Марказӣ» дар расми 1 оварда шудааст. Аз рӯйи каҷхаттаҳои термикӣ минералҳои зерин муайян карда шуданд: каолинит, квартс, слюда, доломит.




*Расми 1.* **Каҷхаттаҳои ҳарорати намунаҳои кони «Тоҷикистони Марказӣ»**

Дар ин термограмма маъданҳои урани кони Тоҷикистони Шимолӣ-2 падидаи эндотермиро дар 450—550°С мушоҳида мекунем, ки ин ҳам бо табдили каолинит алоқаманд аст.

Дар маъданҳои урани конҳои «Тоҷикистони Ғарбӣ» ва «Тоҷикистони Шимолӣ-2» α- ва β-гузариши квартс мушоҳида намешавад ва ТТД низ набудани пайвастагиҳои карбонатро нишон медиҳад.

Инчунин, коркарди кислотагии маъданҳои урандор ва коркарди дуюмбораи партовҳои саноати уранӣ омӯхта шуданд. Таҳқиқот оид ба таҷзияи маъдан бо истифодаи кислотаи сулфат гузаронида шуд, ки дар он андозаи зарраҳои маъданҳои майдакардашуда, консентратсияи мувофиқи кислота, давомнокии раванд, истифодаи оксидкунандаҳо ва дигар параметрҳои раванди технологӣ интихоб карда шуданд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ ҷудо кардани пайвастагиҳои уран ва торий бо усули калориметрӣ омӯхта шуд. Барои таҳқиқ калориметрияи С600 Calvet аз Ширкати "Setaram"-ро истифода намудем. LabsysEvo як калориметрияи муосир аст, ки сенсорҳои гармии ҳассосияти 3D-ро дар бар мегирад.

Сенсори он, ки намунаро иҳота менамояд, 12 ҳалқаро, ки аз 12 термопарҳои ҳарорати баланд иборат аст, бо термобатарея истифода мебарад, гармии максималии печ то 600°С бо хунуккунии обӣ буда, суръати гармкунӣ/ хунуккунии оташдон аз 0,01°С/дақиқа то 2,0°С/дақиқа мебошад.

Як қуттии аз пӯлоди зангногир бо андозаи 8 мл бо имконияти маҳкам намудани сарпӯш ба таври герметикӣ истифода мешавад.

Қуттиҳо ҷуфт истифода мешаванд - яке барои намуна, дигаре барои муқоиса. Қуттиҳо то фишори 100 Бар тобовар ҳастанд.

23 - юми декабри соли 2021, таҳти рақами1845 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ" дар таҳрири нав қабул карда шуд. Тибқи он таҳияи як қатор санадҳои зерқонунӣ пеш омадааст, ки дар ин давра кормандони Агентӣ ба таҳияи онҳо шуруъ карданд. Барои ин, кормандон бо санадҳои АБНА ва қонунгузории кишварҳои дигар дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ ба истифодаи манбаъҳои радиоактивӣ, партовҳои радиоактивӣ, истифодаи энергияи атомӣ ва солимгардонии минтақаҳои ифлосшуда дар натиҷаҳои истеҳсоли уран: Асосҳои бехатарӣ SF-1, Талаботи умумии бехатарӣ: Чаҳорчӯбаи бехатарии ҳуқуқӣ, давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ GSR. Қисми 1. Муҳофизати радиатсионӣ ва бехатарии манбаъҳои афканишоти ионофар. Қисми 2. Стандартҳои байналмилалии бехатарӣ-GSR. Қисми 3. Арзёбии бехатарӣ барои иншоот ва фаъолиятҳо - GSR. Қисми 4. Идоракунии партовҳои радиоактивӣ - GSR. Қисми 5. Партовҳои радиоактивӣ - SSR-5 ва Силсилаи стандартҳои бехатарии № WS-G-1.2. Мониторинги муҳити зист ва манбаъҳо барои мақсадҳои ҳифзи радиатсионӣ RS-G-1.8. Огоҳикунӣ ва иҷозатномадиҳӣ барои манбаъҳои радиатсионӣ GS – G - 1.5. Дастур барои иҷозатномадиҳӣ ва санҷиш: муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва ғайраҳо шинос шуданд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ" ҳуҷҷатҳои зикршуда ва инчунин тибқи

супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 18-уми январи соли 2022, вобаста ба иҷрои бандҳои 2, 3, 4, 5, 6, 8 ва 9 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия карда шуданд, ки айни замон дар марҳалаи мувофиқакунӣ бо вазорату идораҳои марбута қарор дорад:

- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тасдиқи Тартиби танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ";
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани экспертизаи бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ ва амнияти ядроӣ”;
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои интихоби майдончаи ҷойгиркунии дастгоҳҳои ядроӣ ва нуқтаҳои нигоҳдории дарозмуддат”;
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миллии вокуниш ба садамаҳои ядроӣ ва радиатсионӣ”;
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Тартиби ташкили системаи давлатии бахисобгирӣ ва назорати маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти ионофар”;
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Тартиби дохилии ҳамкории ташкилоти давлатӣ ҳангоми гузаронидани санҷиш аз ҷониби Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон”;
- Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Тартиби пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳо ба Агентии Байналмилали Неруи Атомӣ оид ба маводи ядроӣ ва иншооти ядроӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда”.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии таҳияшуда мушкилоти зеринро инъикос мекунанд:

-таъмини бехатарии зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои таъсири иншооти коркарди мероси уранӣ;

-фароҳам овардани шароит барои рушди устувори минтақаҳое, ки дар онҳо иншооти ядроӣ ҷойгир мебошанд;

-рушди инфрасохтори техникии воҳидҳо ва неруи кадрии истифодабаранда (оператор) ва танзимгар барои татбиқи босамари вазифаҳои онҳо;

Дар давраи ҳисоботӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби танзими давлатӣ дар соҳаи бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ» таҳия ва бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа карда шуд. Лоиҳаи мазкур 25-уми октябри соли 2022 таҳти № 509 қабул карда шудаст.

Инчунин аз ҷониби кормандони филиали Агентӣ таҳлили фони радиатсионӣ, таркиби химиявӣ ва фаъолнокии хоси масолеҳи сохтмонӣ – сангҳои хоро ва мармар, шағал ва рег ҳангоми ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои истеҳсоли онҳо ва корхонаҳое саноатие, ки ба истеҳсоли ин намудҳои масолеҳи сохтмонӣ машғул мебошанд, бо истифода аз таҷҳизоти замонавӣ дар ҳудуди онҳо гузаронида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ мониторинги радиатсионии Маҳфузгоҳи ”Адрасмон” бо мақсади арзёбии хатарнокии потенсиалӣ нисбат ба саломатии аҳолӣ ва муҳити зист, гузаронида шуд.

Дар асоси натиҷаҳои ба даст омада нуқтаҳои маҳдуди маҳаллӣ, ки дорои аҳаммияти тавоноии амбиентии баланд мебошанд, ошкор карда шуд. Ин ҳолат бо кӯчиши маводи радиоактивӣ аз маҳфузгоҳ тавассути обҳои боришотӣ алоқаманд мебошад.

Чараёни селхо пас аз боришоти зиёд аз сатҳи маҳфузгоҳ ҷорӣ шуда, болопӯши онро дар рӯяҳо вайрон намуда, ба

ифлосшавии муҳити атроф оварда мерасонад.

Муайян карда шудааст, ки дар минтақаҳои вайроншудаи Маҳфузгоҳи партовҳои радиоактивии "Адрасмон" тавоноии дозаи амбиентии гамма-афканишот то 3,7 мкЗв/соатро ташкил медиҳад. Дар деҳаи Адрасмон тавоноии дозаи амбиентии гамма-афканишот аз 0,1 то 0,3 мкЗв/соатро ташкил медиҳад. Вазъият аз он сабаб тезу тунд мегардад, ки маҳалли ифлосшударо сокинони хонаҳои ба маҳфузгоҳ наздик, барои маҳсулоти кишоварзӣ ва чаронидани чорво, инчунин масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди хонаҳо истифода мебаранд. Чунин ҳолат ба вазъияти радиатсионии минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

Арзёбии таъсири шуоъхӯрии берунии кормандони тиб нишон дод, ки баландтарини дозаро категорияҳои кормандони соҳаи тиб, ки ба гурӯҳи «А» дохил мешаванд, кормандони ба ангиография ҷалбшуда гирифтанд. Дар баробари ин зиёдшавии ҳадди иҷозатдодашудаи вояи радиатсионӣ мушоҳида нашудааст.

Муқаррар карда шудааст, ки вояи миёнаи таъсири индивидуалии кормандони касбу кори мухталиф дар ташхиси радионуклидҳо ба ҳисоби миёна 0,88 мЗв ба як мутахассис дар як сол ва диапазони аз 0,29 то 2,16 мЗв ҷойгир мебошад.

Яъне, онҳо аз нишондиҳандаҳои миёнаи тиббӣ болотаранд, аммо аз ҳадди ниҳоии иҷозатдодашуда камтаранд.

## 3. ҲАМКОРИҲОИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### МДИ "МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲО"-И АМИТ ДАР ҲАМКОРӢ БО МАГАТЭ ТАРЗҲОИ НАВИ ТАҲҚИҚОТ ВА ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОРО РОҲАНДОЗӢ МЕНАМОЯД

28 - уми октябри соли 2022 дар Муассисаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряхҳо"- и АМИТ мулоқот бо сардори бахши шуъбаи Аврупо оид ба ҳамкориҳои техникии МАГАТЭ Сандра Мария Стейскал бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар бахши омӯзиши изотопии пиряхҳо ва қабати барф баргузор гардид.



Зимни мулоқот намояндаи МАГАТЭ Сандра Мария Стейскал ва инчунин намояндаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Олимҷон Азизов ва кормандони шуъбаи озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ" иштирок намуданд.

Дар оғози ҷамъомад директори муассисаи мазкур, профессор Абдулҳамид Қаюмов оид ба дастовардҳои марказ дар самти пеш бурдани таҳқиқоти илмӣ – бунёдӣ сухан ронда, ҳамзамон қайд намуд, ки марказ аз оғози фаъолияти худ то имрӯз беш аз 50 таҳқиқот дар масоили омӯзиши пиряхҳо, мушоҳида ва назорати ҳолати коҳишёбии онҳо ва инчунин муайян намудани таркиби изотопӣ ва гидрологии оби пиряху кӯлҳо ва ҳавзҳои пиряхӣ гузаронида, натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки изотопҳои пайдоишашон табиӣ ҳамчун нишондиҳанда барои муайян намудани ҳолати воқеии пиряхҳо, рақобатпазирии онҳо вобаста ба раванди тағйирёбии иқлим, мавқеи хоси пиряхҳо дар захоири оби дарёҳо ва кӯлҳои наздипиряхӣ, инчунин нақши пиряхҳо дар афзоиши обҳои рӯйизаминию зеризаминӣ ва ҳамзамон барои муайян намудани синну соли дарёҳо истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки аллакай бо дастгирии МАГАТЭ дар доираи ҳамкориҳои судманд таҷҳизоти лазерии "Пикарро" дар озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи марказ насб гардид. Дастгоҳи мазкур имконият медиҳад, ки омӯзиши изотопии пиряхҳо ва қабати барф минбаъд бо тарзҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани чунин таҳқиқот ва ташкили

озмоишгоҳ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ ду ҳуҷраи кориро барои фаъолияти минбаъдаи озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряххои АМИТ” ҷудо намуд, ки ҳадаф аз ин дастгирӣ пеш аз ҳама ҷонибдории сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯзиш ва ҳифзи пиряххо маҳсуб меёбад.



Бояд қайд кард, ки ба шарофати иқдомҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва омӯзиши пиряхҳо имкон фароҳам омад, ки маркази мазкур айни замон бо ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд робитаҳои ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, дар самти пешбурд ва тақвияти илми пиряхшиносӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияти назарраси худро ба таври пайваста густариш диҳад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади ташкил намудани озмоишгоҳи таҳқиқи пиряхҳо, қабати барф ва насб намудани дастгоҳи таҳлилии “Пикарро” дар муассисаи мазкур, кормандони шуъбаи озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи марказ дар муддати як моҳ тибқи барномаи Fellowship, аз санаи 22.08.2022 то санаи 20.09.2022, бо дастгирии молиявии МАГАТЭ дар Донишгоҳи Инсбрук (Институти геология) дар Австрия, таҳти роҳбарии доктор Юрий Дублянский ҷиҳати азхуд кардани тарзҳои таҳқиқоти изотопии пиряхҳо таҷриба омӯхтанд.

Дар рафти таҷрибаомӯзӣ кормандони марказ оид ба намунаи амалии ях ва об ҷиҳати муайян кардани таркиби минбаъдаи изотопии онҳо, машғулият дар озмоишгоҳи (лабораторияи) гузаронидани изотопи анализатории “Пикарро” ва инчунин оид ба ҷузъҳои насбкунии таҷҳизоти таҳлилии “PICARRO” маълумоти пурра ба даст оварданд, ки натиҷаи таҷрибаомӯзӣ минбаъд имкон фароҳам меорад, ки таҳқиқоти изотопии пиряхҳо ва қабати барф бо дастгоҳи номбурда ба роҳ монда шавад.

Бояд гуфт, ки чунин озмоишгоҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ ниҳоят кам буда, ба роҳ мондани он дар марказ як навъ навоварӣ ва ҳамзамон боиси пешрафти илми гляциология ва инчунин тарзҳои нави ба роҳ мондани таҳқиқоти пиряхҳо ба шумор меравад.

## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТ БА ИНСТИТУТИ ТИББИ ВЕТЕРИНАРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА

28 - уми октябри соли 2022 дар Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон маросими супоридани таҷҳизот дар доираи лоиҳаи миллии АБНА TAD/5/006 «Истифодаи технологияҳои ядроӣ ва молекулярӣ барои ташхис ва назорати бемориҳои фаромарзии ҳайвонот» баргузор гардид.



Дар маросими супоридани таҷҳизот директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Илҳом Мирсаидзода ҳамчун ҳамоҳангсози татбиқи барномаҳои АБНА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директори Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон - Раҷабмурод Атовуллозода иштирок намуданд.



Лоиҳаи зикргардида дар Институти тибби ветеринарии АИКТ аз соли 2019 татбиқ гардида истодааст.

Дар ин муҳлат, озмоишгоҳҳои институт бо маблағгузории лоиҳа бо муосиртарин таҷҳизоту лавозимот, аз қабили боксҳои биологӣ, сентрофугаҳо, термостатҳо, яхдонҳои пастҳарорат (- 40, - 80), шейкерҳо, ридер ва ҳоказо муҷаҳҳаз гардонида шуданд.



Дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур дар Институти тибби ветеринарӣ озмоишгоҳи замонавӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ таҷҳизонида шуда, ҳамзамон низоми барқи офтобӣ насб гардидааст, ки имкони истифодаи таҷҳизоти ташхисиро аз ҳисоби неруи табиӣ фароҳам меорад.





Озмоишгоҳ аз ҳуҷраҳои санҷиши бемориҳои сироятӣ ва зоонозҳо бо истифода аз усулҳои анъанавӣ ва муосир (ELISA, real time RT-PCR), ҳуҷраҳои ҷудосозии бактерияҳо ва вирусҳо иборат мебошад.



Дар доираи лоиҳа 5 нафар мутахассисони ҷавони институт дар Македонияи Шимолӣ ва 1 нафар дар Австрия аз таҷрибаомӯзӣ гузашта, баъди такмили



ихтисос ва омӯзиши навгониҳои илми тибби ветеринарӣ дар раванди фаъолият дар Институти тибби ветеринарӣ бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои нав бемориҳои сироятии ҳайвонот, аз он ҷумла зоонозҳоро ташхис мегузаронанд.



Яке аз натиҷаҳои ниҳоии амалисозии лоиҳа мутобиқгардонии озмоишгоҳҳои Институти тибби ветеринарӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла ба стандарти ISO17025 мебошад, ки иқтидори зеҳнӣ ва техникии муассисаи илмиро ҳамқадами пажӯҳишгоҳҳои муосири пешқадам мегардонад.

Мусаллам аст, ки таҷҳизоти дастрасшуда барои мониторинги бемориҳои сироятӣ, бахусус зоонозҳо ва инчунин таҳти назорат гирифтани вазъи эпизоотӣ дар байни ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ самараи хуб ба бор меорад.



Итминони комил аст, ки таҳти сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ олимони Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо амалисозии лоиҳаҳои илмӣ – техникии муштарак дар ҳамкорӣ бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, пажӯҳишгоҳҳои ватаниву хориҷӣ навгониҳо ва дастовардҳои илми тибби ветеринариро бо истеҳсолот пайванди қавӣ дода, дар самти амалисозии ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – таъмини амнияти озуқаворӣ сахми босазо мегузоранд.

## МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ЗАМОНАВӢ АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7- уми октябри соли 2022 маросими расмии супоридани таҷҳизоти замонавӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚС КДАМ ҶТ) дар доираи татбиқи Нақшаи амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қатъномаи 1540 Шӯрои Амнияти СММ доир гардид.



Дар маросим хонум Кристин Бент ва ҷаноби Кевин Рощдиех - намояндагони идораи кашф ва пешгирӣ аз қочоқи ҳастаии Вазорати энергетикаи ИМА, инчунин генерал-полковник Раҷабалӣ Раҳмоналӣ - муовини аввали раис – Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директори Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ҳастаӣ - Илҳом Мирсаидзода ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ, иштирок доштанд.



Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими амният дар марз бо Афғонистон бо дурбинҳои назоратии шабона, либосҳои махсус ва тепловизорҳо таъмин карда шуд.



Ин кӯмаки техникӣ дар ҳудуди лоиҳаи таъмини амнияти сарҳади сабзи Идораи ошкор ва боздошти қочоқи ядроии Вазорати энергетикаи ИМА таъмин карда шуда, ҳадаф аз он таҳкими инфрасохтори Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарҳад бо Ҷумҳурии Афғонистон мебошад. Чунки аз соли 2013 инҷониб Вазорати энергетикаи Иёлоти Муттаҳидаи Америко бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо қочоқи моводи ядрой ва радиологӣ ҳамкории мустаҳками худро барқарор намудааст.



Лоиҳаи мазкур интиқоли либоси махсус, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбин, монокулярҳо, таҷҳизоти мухобиравӣ (радиостансияҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳо, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос ҷиҳати дастгирии амалиёти зидди қочоқӣ, инчунин барои ошкор ва боздоштани муомилоти ғайриқонунии моводи ядрой ва радиоактивӣ насб кардашударо фаро мегирад.

## МАРОСИМИ БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ДЕТЕКТОРҲОИ МУОСИРИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ ДАР НУҚТАИ ГУЗАРГОҲИ ГУМРУКИИ «ФОТЕҲОБОД»

6 - уми октябри соли 2022 дар нуқтаи гузаргоҳи гумрукии «Фотеҳобод» маросими ба истифода супоридани детекторҳои муосири ядроӣ ва радиатсионӣ бо мақсади пешгирии терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои миллӣ оид ба Қатъномаи 1540 Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 54 аз 9 феврали соли 2016 тасдиқ шудааст баргузор гардид.



Дар маросими баргузорӣ раиси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Хуршед Каримзода, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ - Илҳом Мирсаидзода ва ба ҳайси ҳамоҳангсози миллӣ, муовини аввали директори Барномаи миллии амнияти ядроии Вазорати энергетика ИМА - Франк Роуз иштирок доштанд.



Қайд кардан ба маврид аст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур чунин таҷҳизот дар нуқтаи гузаргоҳҳои гумрукии «Дӯстӣ», «Панҷи поён», «Гулистон», «Саразм» ва «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» насб карда шуданд. Корҳо оид ба насби детекторҳои ядроӣ ва радиатсионӣ низ дар “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд” дар марҳалаи анҷомёбист.



Бар замми ин дар доираи лоиҳаи мазкур таъмини таҷҳизоти дастӣ ва омӯзиши кормандони Хадамоти гумрук бо мақсади пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоатсионӣ пешбинӣ шудааст. Дар нақша аст, ки дар солҳои наздик низ дар дигар гузаргоҳҳои гумрукӣ ва фурудгоҳҳо чунин намуди таҷҳизот насб карда мешаванд. Ҳамзамон, таъмини нақлиёти махсус ва техника дар сарҳадҳои Афғонистон ва дигар сарҳадҳои сабз низ оянда дар назар аст.

## ВОХӮРИИ ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ-И АМИТ БО НАМОЯНДАГОНИ ШУЪБАИ ҲАМКОРИҲОИ ТЕХНИКИИ АБНА




28 - уми сентябри соли 2022 дар арафаи баргузории иҷлосияи 66-уми Конфронси генералии АБНА, директори Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода бо намояндагони Шуъбаи ҳамкориҳои техникии АБНА мулоқот намуд.

Зимни мулоқот масъалаҳои иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои амалкунандаи нави миллӣ ва минтақавӣ дар доираи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо АБНА мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин, пешрафту мушкилоти бандҳои ҳалношудаи нақшаи чорабиниҳо ва ҳамзамон нақшаҳои солҳои оянда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Лозим ба тазаккур аст, ки лоиҳаҳои миллии АБНА ки бештар дар марказҳои саратоншиносии шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд амалӣ мешаванд ва ҳамзамон рафти омодагӣ ба татбиқи лоиҳа дар Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.



Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ ба Шуъбаи ҳамкориҳои техникӣ ҷиҳати амалии лоиҳаҳои ҷорӣ ва оянда дар Тоҷикистон изҳори сипос намуда, ҳамзамон қайд кард, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар низ як қатор чорабиниҳо оид ба масъалаи боз ҳам беҳтар намудани вазъи инфраструктураи марказҳои саратоншиносии номбурда зимнан ба инобат гирифта шудаанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ барои татбиқи босамари лоиҳаҳои ҷорӣ ва оянда дар Тоҷикистон қадамҳои минбаъда муайян карда шуданд.

## ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХБРЯ - И АМИТ БО НАМОЯНДАГОНИ ШУЪБАИ КАФОЛАТҲОИ АБНА






27 - уми сентябри соли 2022 дар ҳошияи баргузории иҷлосияи 66 - уми Конфронси генералии АБНА мулоқоти директори Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Илҳом Мирсаидзода ва мудири шуъбаи иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва эътино ба ҳолатҳои садамавӣ, химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Фарҳод Ҳамидов бо роҳбар ва намояндагони Шуъбаи кафолатҳои АБНА баргузор гардид.

Дар рафти мулоқот масъалаҳои санҷиши муассисаҳое, ки дар фаъолияти худ маводи ядроиро истифода мебаранд, аз ҷониби нозирони Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва инчунин пешниҳоди ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи уҳдадориҳои кафолат оид ба паҳн накардани силоҳи ҳастаӣ ва Протоколи иловагиро, ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мавриди муҳокима қарор дода шуд.



Иловатан, масъалаҳои пешниҳоди саривақтии ҳисоботи электронӣ дар Портали эъломияҳои давлатии АБНА низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд карда шуд, ки пешниҳоди гузоришҳо оид ба кор андохтани портали дар боло зикршуда хеле осон ва қулай гардидааст.

Инчунин, ба масъалаҳои омода намудани мутахассисон таваҷҷуҳи махсус дода шуда, ҳамзамон зарурати гузарондани курсҳои омӯзишии миллӣ ва минтақавӣ мавриди назар қарор дорад.

Дар охири ҷамъомад нақши махсуси барномаи INSEP - и Вазорати энергетикаи ИМА дар масъалаи омодагии нозирони Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ қайд гардида, ҳамзамон ба онҳо изҳори миннатдорӣ баён карда шуд. Нозирони АБНА ба курсҳое, ки дар оянда бо ташаббуси Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва дар якҷоягӣ бо барномаи INSEP-и Вазорати энергетикаи ИМА мегузаранд, даъват карда шуданд.

## 66-УМИН ИҶЛОСИЯИ КОНФРОНСИ ГЕНЕРАЛИИ АБНА




Аз санаи 26-ум то 30 - юми сентябри соли 2022 намояндагони 175 кишвари узви АБНА барои ширкат дар 66-умин иҷлосияи Конфронси генералии АБНА дар қароргоҳи Агентӣ дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия ҷамъ омаданд.

Рафаэл Мариано Гроссӣ - директори генералии АБНА дар ҷараёни ифтитоҳи конфронс гуфт: «Кори мо барои кӯмак ба

кишварҳои узв дар ҳалли баъзе мушкилоти мубрами рушд идома дорад».

Рафаэл Мариано Гроссӣ дар бораи фаъолияти АБНА дар бахшҳои мухталиф, аз қабили оқибатҳои тағйирёбии иқлим, амнияти ғизоӣ, ифлосшавии пластикӣ ва бемориҳои зоонозӣ муфассал сухан ронда, аз кору дастовардҳои Агентӣ дар як соли охир назди аҳли ҳузор мухтасар гузориш дод.

Дар давоми ҳафта вакилон як қатор мавзуъҳои мубрамро муҳокима намуданд. Оғоз аз ҳисоботи солонаи 2021, буҷаи соли 2023 ва то дурнамои эҳёи фаъолият марбут ба илми ҳастаӣ, технология ва омӯзиши барномаҳои махсус, фаъолияти Агентӣ дар соҳаи бехатарӣ ва амнияти ҳастаӣ, инчунин боз ҳам баланд бардоштани самтҳои фаъолият ва самарабахшии кафолатҳои АБНА мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Иштирокчиёни ҳамоиши мазкур инчунин масъалаҳои бехатарии яроқи ядрой, амният ва кафолатҳои Ҷумҳурии Украина, Шарқи Наздик ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Кореяро низ муфассал мавриди баррасӣ қарор доданд.



Ҷаласаи конфронси Генералӣ дар маҷлисгоҳи ба нақша гирифта шуда баргузор гардид, аз ҷумла баромади мансабдорон ва вакилонро ба таври мустақим пахш намуд.

## ЧОРАБИНИҲОИ ИЛОВАГӢ ВА ЭКСКУРСИЯҲОИ

Дар давоми ҳафта АБНА ва кишварҳои узви Агентӣ ҳудуди 80 адад чорабиниҳои иловагиро баргузор мекунанд, ки баъзеи онҳо мустақиман ва кушода барои оммаи васеъ пахш карда мешаванд.Ин чорабиниҳо ҷанбаҳои кори АБНА-ро аз ташаббусҳои ҷории соҳаҳои тандурустӣ ва энергетикаи ҳастаӣ то шарҳи захираҳои дастраси омӯзиши электронӣ ва пешрафт дар такмили озмоишгоҳҳои Агентӣ дар Зайберсдорф нишон медиҳанд.

Дар ҷараёни баргузории як чорабинии ба нақша гирифташудаи иловагӣ тахти унвони «Усулҳои ҳастаӣ ҳамчун калиди ҳалли бисёр асрор» коршиносоне, ки дар лоиҳаи минтақавии давомдор дар Аврупо иштирок мекунанд, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна онҳо технологияи ҳастаиро барои тасдиқи пайдоиш ва аслияти осори мероси фарҳангӣ, ғизо ва доруворӣ истифода мебаранд.

Дар чорабинии дигар маълумотнома оид ба дастовардҳои навтарин ва оянда рушди ташаббуси «Амали маҷмӯӣ (комплексӣ) оид ба мубориза бо бемориҳои зоонозӣ» (ZODIAC) АБНА-ро муаррифӣ хоҳанд кард.

АБНА ташаббуси ZODIAC-ро дар соли 2020 барои дастгирии кишварҳо дар ташкили ташхиси барвақт, пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои зоонозӣ оғоз карда буд. То имрӯз зиёда аз 1000 нафар мутахассисон аз 95 кишвари ҷаҳон дар курсҳои виртуалии байниминтақавии ZODIAC таҳсил карданд.

Дар Конфронси генералии соли гузашта АБНА, платформаи худро оид ба реакторҳои хурди модулӣ (MMP) ва барномаҳои онҳоро муаррифӣ кард. Имсол бошад дар чорабинии иловагӣ оид ба пешрафти Платформа ва натиҷаҳои пас аз як сол ба даст омада, аз ҷумла Портали навтаъсиси MMP, инчунин ҳадафҳои стратегии АБНА оид ба мусоидат ба татбиқи глобалии MMP ва татбиқи лоиҳаи байниминтақавӣ оид ба SMRs ва микрореакторҳо муаррифӣ хоҳад шуд.

Имсол АБНА насли нави пайвандҳоро муаррифӣ кард. Муҳрҳо яке аз асбобҳое мебошанд, ки нозирони амнияти АБНА барои тафтиши он ки маводи ҳастаӣ танҳо бо ҳадафҳои осоишта истифода мешавад, дар фаъолияти худ онҳоро истифода мебаранд. Мавзуи муҳрҳои нав метавонад яке аз мавзуҳои маркazии чорабиниҳои иловагӣ гардад, ки дар он ширкаткунандагон метавонанд, фаҳмиши худро оид ба чӣ гуна дастгоҳҳои ҳастаӣ дар саросари ҷаҳон тақрибан 28 000 муҳри АБНА-и ба маводи ҳастаӣ, таҷҳизоти муҳимми иншоот ё таҷҳизоти муҳофизати АБНА-ро бо мақсади кафолат васл шудаанд васеъ созанд.

Барои таҷлили бомуваффақияти барномаҳои Агентӣ тӯли 18 соли охир оид ба масоили таъмини амнияти ҳастаӣ дар гузаронидани чорабиниҳои бонуфузи ҷамъиятӣ (КОМ) мутобиқи чаҳорчӯбаи чорабинии иловагӣ мисолҳо аз амалия таҳлил карда мешаванд, инчунин тағйирот ба нақшаи барномаҳои дастгирӣ дар назар дошта шудааст. Кишварҳое, ки аллакай кӯмаки АБНА-ро оид ба масоили омодасозии чораҳои амнияти ҳастаӣ барои гузаронидани чорабиниҳои бонуфузи оммавӣ дар соли 2022 гирифтаанд, аз таҷрибаи худ мубодила хоҳанд кард.

Чорабиниҳои дигари иловагӣ дар мавзуъҳое ба монанди ташаббуси COMPASS; системаи огоҳкунии рӯйдодҳои беруна; системаи иттилоотӣ оид ба масъалаҳои сӯзишвории истифодашуда ва партовҳои радиоактивӣ (СРИС); ҷалби кадрҳо ба АБНА; саҳми озмоишгоҳи АБНА дар Зайберсдорф ба дипломатияи илм; 20-солагии Созишномаи ҳамкорӣ барои кишварҳои арабии Осиё дар соҳаи таҳқиқот, рушд ва омӯзиш дар илм ва технологияи ҳастаӣ, омода намудани кадрҳо дар соҳаҳои марбут ба илм ва технологияи ҳастаӣ (ARASIA); ташаббуси истифодаи технологияҳои ҳастаӣ барои мубориза бо олудашавии пластикӣ (NUTEK Plastics) ва ҳоказои дигар музокира хоҳанд шуд.

Рӯйхати пурраи чорабиниҳо барои маълумоти иштирокчиён дастрас аст.

Инчунин барои намояндагони васоити ахбори омма дар иншооти АБНА, бо ташрифи чунин биноҳо, аз қабили маркази ҳодисаҳо ва ҳолатҳои изтирорӣ, озмоишгоҳи хадамоти техникии бехатарии радиатсионӣ, озмоишгоҳи гидрологияи изотопӣ ва озмоишгоҳҳои бо таҷҳизоти муҳофизатӣ таъмин буда, бо мақсади кафолат экскурсияҳо ташкил карда мешаванд.

Бар замми ин ба намояндагон дидани озмоишгоҳҳои барномаҳои ҳастаии АБНА дар Зайберсдорф, ки дар 35 километрии ҷануби Венаро қарор доранд, имкон дода мешавад.

Баъзе сафарҳо бақайдгирии пешакиро талаб мекунанд. Рӯйхати пурраи экскурсияҳо ва турҳои виртуалӣ барои иштирокчиён дастрас аст.

## ҲАМОИШИ ИЛМӢ ОИД БА ТАБОБАТИ БЕМОРИИ САРАТОН

Ҳамзамон бо Конфронси генералӣ, рӯзҳои 27 ва 28-уми сентябри соли 2022 АБНА Анҷумани илмии ҳарсолаи худро ташкил мекунад, ки мавзӯи имсолаи он «Нурҳои умед: табобати саратон барои ҳама» мебошад. Ташаббуси "Чароғҳои умед"-и АБНА барои кӯмак аз кишварҳо дар самти беҳтар кардани дастрасии табобати бемории саратон тавассути бунёд ё тавсеаи иқтидори мавҷуда дар ин соҳа тарҳрезӣ шудааст.

Дар ин ҳамоиш, ки аз панҷ ҷаласа иборат хоҳад буд, нақши технологияи радиатсионӣ дар ташхиси саратон ва табобати беморони саратон баррасӣ хоҳад шуд.




Маърӯзачиён имкониятҳои баланд бардоштани сифат, бехатарӣ ва устувории кӯмаки саратон, таҳкими муассисаҳо ва шабакаҳои минтақавӣ дар соҳаи саратоншиносӣ, рушди марказҳои саратоншиносии минтақавӣ барои кӯмаки босифати тиббӣ ва омӯзишро муҳокима менамоянд. Инчунин инноватсияҳо дар соҳаи маориф ва илм барои қонеъ кардани ниёзҳои афзояндаи глобалӣ барои табобати бемории саратон, дурнамои васеъкунии дастрасӣ ба технологияҳои радиатсионӣ дар соҳаи тиб бо назардошти талаботи ҳастаӣ ва амният мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар ин чорабинӣ, ки тӯли ду рӯз давом мекунад, бо маърӯзаҳои худ якчанд шахсони олиқадр, ки намояндаи ҳукуматҳо, саноат ва созмонҳои байналмилалӣ мебошанд баромад мекунанд. Директори генералӣ Гросси дар ифтитоҳи Форум суханронӣ мекунад, ки дар рафти баргузории мубоҳисаи сатҳи баланд барои ҷаласаи охирин пешбинӣ шудааст, иштирок хоҳад кард, то аҳаммияти

шарикӣ ва ҳамкориҳоро барои тавсеаи дастрасӣ ба табобати саратон тавассути ташаббуси "Нури умед" таъкид кунад.

Дар рафти баргузории Конфронси генералӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон директори АХБРЯ АМИТ - Илҳом Мирсаидзода, котиби илмӣ - Фаридун Назаров ва мудири шуъбаи иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва эътино ба ҳолатҳои садамавӣ, химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Фарҳод Ҳамидов ҳамчун намояндагони мақоми танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти ядрой ва радиатсионӣ фаъолона иштирок карданд.

## ҶАЛАСАИ МАШВАРАТИИ БАЙНИИДОРАВИИ РУСИЯВУ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БИОЛОГӢ



16 - уми августи соли 2022 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи машваратии Русияву Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таъмини амнияти биологӣ баргузор гардид.

Дар маросими баргузории ҷаласа аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Маркази миллии ташхиси байторӣ, Кумитаи амнияти озуқаворӣ, Институти ветеринарияи тиббӣ ва Институти масъалаҳои амнияти биологии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар вохӯрӣ аз ҷониби Федератсияи Русия намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Русия, Вазорати саноат ва савдо, Роспотребнадзор, Вазорати тандурустии Русия, Маркази иттилоотӣ - таҳлилии Муассисаи федералии давлатии буҷети «АРРИАХ»-и Росселхознадзор, Агентии федералии тиббию биологӣ ва Сафорати Русия дар Тоҷикистон иштирок намуданд.

Зимни баргузори мулоқот масъалаҳои меморандуми байниҳукуматии дуҷониба оид ба таъмини амнияти биологӣ ва ҳамкориҳои минбаъда баррасӣ шуданд.

Мубодилаи арзёбии таҳдидҳо ба амнияти биологӣ дар фазои кишварҳои ИДМ низ сурат гирифт.

Инчунин зимни мулоқот байни Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳамкориҳои минбаъда дар самти амнияти биологӣ ва ҳамоҳангсозии он ҳам дар қолаби дуҷониба ва ҳам дар платформаҳои махсуси бисёрҷониба, пеш аз ҳама дар доираи Конвенсия оид ба манъи силоҳи биологӣ ва токсинӣ, СПАД, ИДМ ва СХШ муҳокима карда шуд.

## БОЗДИДИ КОРШИНОСИ АБНА АЗ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ “МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН”



Аз 9-ум то 13-уми майи соли 2022 боздиди коршиноси Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаи миллии TAD7004 – оид ба ташаккули иқтидори миллӣ барои арзёбии пиряхҳою барфҳо аз Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” дар шароити тағйирёбии иқлим сурат гирифт. Лоиҳаи мазкур барои гузаронидани таҳқиқоти изотопии пиряхҳо ва қабати барф равона шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот дар бораи

ҳолати пиряхҳо ва захираҳои обии Тоҷикистон маълумоти мўътамад ба даст оварда мешавад, ки ин имкон медиҳад раванди таназзули пиряхҳо ва маҷрои оби пиряхҳо ба таври воқеӣ арзёбӣ карда шаванд. Зеро ин арзёбиҳо барои банақшагирӣ ва идоракунии ояндаи истифодаи самараноки захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷиҳата мусоидат менамоянд.

Дар рафти ин сафар мулоқот бо Фарҳод Раҳимӣ - академик, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар намояндагони институту марказҳои тобеи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Зимнан зикр гардид, ки ҳадаф ва вазифаҳои лоиҳа бо афзалиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ба мақсадҳои ҷории барномавии маркази мазкур ҳамаҷониба мувофиқат мекунанд.

Инчунин дар Муассисаи давлатии илмии «Маркази омўзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» семинари омўзишии серўза дар мавзуи «Дурнамои омўзиши изотопии пиряхҳою қабати барф дар Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар ҷараёни баргузории он мутахассисону кормандони марказ ва намояндагони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ фаъолона иштирок намуданд.



Мақсади асосии чорабинӣ ба иштирокчиён пешниҳод намудани маълумоти амалӣ оид ба изотопҳои табиӣ ба сифати нишондиҳандаи ҳолати пиряхҳо ва қабати барф, ки дар зери хатар будан ё ҳассосияти ба шароити тағйирёбии иқлим вобаста будани онҳоро муайян мекунанд.

Дар рафти семинар намояндаи АБНА дар гузориши худ дар бораи фаъолияти АБНА суханронӣ намуда, ҳамзамон қайд кард, ки фаъолияти асосии он истифодаи атом ба мақсадҳои осоишта дар соҳаи илму техника ва инчунин дар соҳаи тандурустӣ ва бехатарӣ, кафолат ва санҷиш мебошад. АБНА дорои шуъбаи гидрологияи изотопӣ мебошад, ки барои таҳия ва татбиқи барномаи захираҳои об масъул аст.



Зимнан зикр гардид, ки АБНА тавассути барномаи ҳамкориҳои техникӣ бо кишварҳои узв ҷиҳати беҳбуди дастрасӣ ва устувории захираҳои оби ширин тавассути арзёбии ҳамгироии илмии захираҳои об ҳамкории зич дорад.

Дар анҷоми ҷамъомад директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омўзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» профессор Абдулҳамид Қаюмов ба иштирокчиёни семинар, аз ҷумла ба намояндагони АБНА ва Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ барои ҳамкорӣ изҳори сипос баён намуда, қайд кард, ки лоиҳаи мазкур барои татбиқи ташаббуси Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» заминаи хубе буда, дар илми пиряхшиносӣ уфуқҳои нав мекушояд. Фаъолияти ин лоиҳа аз ҷониби Агентии амнияти ХБРЯ-И АМИТ ҳамоҳанг карда мешавад.

## ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО ҶИҲАТИ ОМОДА ВА ПЕШНИҲОДИ ЛОИҲАҲОИ БАРНОМАИ ҲАМКОРИИ ФАННИИ АБНА БАРОИ СОЛҲОИ 2024 - 2025

13 - уми апрели соли 2022 дар толори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ҷиҳати омода ва пешниҳоди лоиҳаҳои Барномаи ҳамкории фаннии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) барои солҳои 2024 - 2025 мулоқот баргузор гардид.

Дар чараёни баргузории мулоқот намояндагон аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таҳқиқоти саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Гастроэнтерология»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ»-и шаҳри Душанбе, Институти ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ба таври фаъолона ширкат варзиданд.





Дар рафти баргузории вохӯрӣ намояндагони Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ дар бораи натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳои ҷорӣ муфассал маълумот дода, инчунин доир ба нақшаҳои минбаъда пешниҳоди лоиҳаҳои навро барои давраи солҳои 2024 - 2025 баррасӣ намуданд.

Намояндагони вазорату идораҳо ба Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ барои дастгирии пайвастаашон дар татбиқи лоиҳаҳои АБНА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос баён намуданд.

Дар рафти вохӯрӣ намояндагон оид ба татбиқи самараноки лоиҳаҳо ва инчунин роҳҳои бартараф кардани монеаҳо низ машварати корӣ доир намуданд.

Намояндагони Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба тарзи дуруст хонапурӣ намудани варақа барои пешниҳоди лоиҳаҳо тавассути Барномаи ҳамкории фаннии АБНА барои давраи то солҳои 2024-2025 намоиш баргузор карданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ ба иштирокчиён филми кӯтоҳмуддат оид ба масъалаи дастгирии Барномаи ҳамкории фаннии АБНА барои кишварҳои узв намоиш дода шуд.



## МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

8 - уми апрели соли 2022 маросими расмии супоридани таҷҳизоти муосир ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚС КДАМ ҶТ) дар доираи татбиқи Нақшаи амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қатъномаи 1540 Шӯрои Амнияти СММ баргузор гардид.

Дар маросими баргузории чорабинӣ ҷаноби Кевин Рощдиех - намояндаи Идораи кашф ва пешгирӣ аз қочоқи ҳастаии Вазорати энергетикаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, генерал-полковник - Раҷабалӣ Раҳмоналӣ, муовини аввали раис – Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва



инчунин директори Агентии амнияти химиёвӣ,биологӣ, радиатсионӣ ва ҳастаии АМИТ - Илҳом Мирсаидзода ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ, иштирок доштанд.



Ҳамин тариқ, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими амният дар марз бо Афғонистон бо василаҳои мушоҳида, бозрасӣ ва тактика таъмин карда шуданд.



Кӯмаки техникӣ дар ҳудуди лоиҳаи таъмини амнияти сарҳади сабз намудани Идораи ошкор ва боздошти қочоқи ядроии Вазорати энергетикаи ИМА таъмин карда шуда ва ҳадафи он ин таҳкими инфрасохтори ҚС КДАМ дар сарҳад бо Ҷумҳурии Афғонистон равона гардидааст.

Аз соли 2013 Вазорати энергетикаи ИМА бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо қочоқи моводи ядроӣ ва радиологӣ ҳамкории қавии худро ба роҳ мондааст.

Лоиҳаи мазкур интиқоли либоси махсус, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбин,

монокулярҳо, таҷҳизоти мухобиравӣ (радиостансияҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳо, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос барои дастгирии амалиёти зидди қочоқӣ, инчунин ҷиҳати ошкор ва бздоштани муомилоти ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ насб кардашударо фаро мегирад.

## МАРОСИМИ РАСМИИ СУПУРДАНИ ТАҶҲИЗОТ БА КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рӯзи 18 - уми феврали соли 2022 дар доираи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қатъномаи 1540 Шӯрои Амнияти СММ маросими расмии супурдани таҷҳизот ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ - Илҳом Мирсаидзода аз номи Вазорати энергетикаи ИМА, як адад мошини махсуси бо детекторҳои ҳассос ҷиҳозонидашударо барои кашфи маводи ядроӣ ва радиоактивӣ ба масъулини Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон супорид.



Ин кӯмаки техникӣ дар ҳудуди лоиҳаи таъмини амнияти сарҳади сабз, ки ба мустаҳкам намудани инфрасохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарҳад бо Афғонистон нигаронида шудааст.

Лоиҳаи мазкур интиқоли либоси махсус, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбин, монокулярҳо, таҷҳизоти мухобиравӣ (радиостансияҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳо, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос барои дастгирии амалиёти зидди қочоқӣ, инчунин ҷиҳати ошкор ва бздоштани муомилоти ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ насбкардашударо дар бар мегирад.



## ЁДДОШТИ ҲАМКОРӢ БО КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҚСАДИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ЛОИҲАИ МИЛЛИИ АБНА

11 - уми феврали соли 2022 байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ёддошти ҳамкорӣ дар самти бехатарии радиатсионӣ ба имзо расид.



Қайд намудан ба маврид аст, ки дар доираи ҳамин ёддошт аз ҷониби АБНА зери лоиҳаи TAD9008 бо маблағи 169,4 ҳазор евро кӯмаки техникӣ расонида шуд ва он имкон медиҳад, ки интиқоли маълумот ва ҳолати мониторинги радиатсиониро дар кишвар фароҳам оварад.

Таҷҳизоти интиқолшуда системаи назоратии радиатсионии SpectroTRACER-ро ташкил медиҳад, ки аз ҷониби Ширкати олмонии “Bertin GmbH» истеҳсол карда шудааст, ки ҳамаи ин асбобҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб барои назорати доимии вазъи радиатсионӣ дар кишвар насб карда мешаванд.

Системаи мазкур бо мақсади гузаронидани мониторинги радиатсионӣ пешбинӣ шуда, барои иҷрои ҳифзи аҳолӣ ва Маркази идоракунии бухронии озмоишгоҳи ҷумҳуриявии химиявӣ ва радиометрии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода истифода бурда мешавад.

## МАРОСИМИ РАСМИИ СУПОРИДАНИ ТАҶҲИЗОТИ ЗАМОНАВӢ АЗ ҶОНИБИ ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКАИ ИМА БА ҚӮШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



7 - уми феврали соли 2022 маросими расмии супоридани таҷҳизоти замонавӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚС КДАМ ҶТ) дар доираи татбиқи Нақшаи амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қатъномаи 1540 Шӯрои Амнияти СММ доир гардид.



Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Илҳом Мирсаидзода ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ аз номи Вазорати энергетикаи ИМА дастгоҳҳои мухобиравӣ (радиостансияҳо) ва насби онҳоро дар воситаҳои нақлиёт супорид.



Кӯмаки техникӣ дар ҳудуди лоиҳаи таъмини амнияти сарҳади сабз намудани амнияти сарҳади сабзи Идораи ошкор ва боздошти қочоқи ядроии Вазорати энергетикаи ИМА таъмин карда шуда ва ҳадафи асосии он ин ба таҳкими инфрасохтори ҚС КДАМ дар сарҳад бо Ҷумҳурии Афғонистон равона гардидааст



Аз соли 2013 Вазорати энергетикаи ИМА бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо қочоқи маводи ядроӣ ва радиологӣ ҳамкории зичи худро дорад.



Лоиҳаи мазкур интиқоли либоси махсус, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар минтақаҳои кӯҳӣ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонии минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбин, монокулярҳо, таҷҳизоти мухобиравӣ (радиостансияҳо), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, автомобилҳо, микроавтобусҳо, ки дар онҳо таҷҳизоти ҳассос барои дастгирии амалиёти зидди қочоқӣ, инчунин ҷиҳати ошкор ва боздоштани муомилоти ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ насбкардашударо фаро мегирад.



## 4. БАХШИ МИЛЛИИ "ХОНУМИ ЯДРОӢ"

### КОНФРОНСИ 3 - ЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛИИ «НАҚШИ ЗАНОНИ ОЛИМ ДАР РУШДИ ИЛМ, ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯ»




Рӯзҳои 24 - 26-уми августи соли 2022 дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд, Конфронси 3 - юми байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши занони олим дар рушди илм, инноватсия ва технология», ки дар рафти баргузории он зиёда аз 100 нафар бонувон фаъолона ширкат варзиданд, доир гардид.

Ташкилкунандагони конфронс:

-Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ААХБРЯ-и АМИТ);

-Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» (WiN Тоҷикистон) дар назди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ;

- Шуъбаи минтақавии Тоҷикистонии Маркази байналмилалии илмию техникӣ (МБИТ).



Дар рафти конфронс занони олим, омӯзгорон, аспирантҳо, магистрантҳо, донишҷӯйён, намояндагони муассисаҳои мухталиф ва мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла намояндагони институтҳои илмӣ - таҳқиқотии тобеи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази миллии ташхиси амнияти озуқаворӣ, Институти бехатарӣ ва проблемаҳои биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Институти иқтисод ва демографияи АМИТ, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Аловуддин Баҳовиддинов ва дигарон бо маърӯзаҳои илмии худ баромад намуданд.

Дар ҷараёни баргузории конфронс инчунин намояндагон аз Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА), Институти таҳқиқоти байналмилалии Миддбери, Калифорния, ИМА, Занон дар ҷаҳони ҳастаӣ (WiN Global), WiN Русия, WiN Қазоқистон, WinN Қирғизистон, WiN Ӯзбекистон, Муассисаи давлатии илмии «Институти умумироссиягии илмӣ - таҳқиқотии растаниҳои шифобахш ва хушбӯй»-и шаҳри Москваи Федератсияи Русия, Маркази такмили ихтисоси кормандони тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Раёсати бехатарии радиатсионӣ ва ядроии Кумитаи давлатии бехатарии саноати Ҷумҳурии Ӯзбекистон; Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон, Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов, Донишгоҳи Куэйди Аъзами Исломобод (Покистон), Вазорати энергетикаи ИМА ва ҳоказои дигар ширкат варзиданд. Дар ҷараёни баргузории конфронс дар бахшҳои зерин маърӯзаҳо шунида ва мавриди муҳокимаи ҳайати доварон қарор гирифтанд:

1.Масъалаҳои амнияти ядроӣ, радиатсионӣ ва биологӣ, кафолатҳои АБНА ва нақши занон дар илм;

2. Илмҳои табиатшиносӣ ва экология;

3.Масъалаҳои актуалии забоншиносӣ, педагогика ва ҳуқуқ;

4.Тиб. Маҷмӯи мақолаҳо пеш аз баргузоршавии конфронс ба табъ расида буданд, ки дар он зиёда аз 65 адад корҳои илмӣ – таҳқиқотии муаллифон дарҷ гардидааст.







## БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ «ДАСТАРХОНИ ТАОМҲОИ МИЛЛӢ»



17 - уми марти соли 2022 дар Маркази таълимии минтақавӣ бахшида ба 2-солагии таъсисёбии Клуби «Хонуми ядроӣ» байни магистрони АМИТ озмуни «Дастархони таомҳои миллӣ» доир гардид.



Ҳадаф аз баргузории ин мулоқот пеш аз ҳама омӯзиши хулосаҳои ниҳоии магистрон дар бораи фаъолияти клуб ва инчунин ҷалби минбаъдаи онҳо ба фаъолияти клуб ва ҳамзамон таҷлили бошукуҳи ҷашни байналмилалии Наврӯз иборат буд.

Клуби «Хонуми ядроӣ» имкон дод, ки магистрдухтарони ҷавон дар вазъияти тантанавӣ дар пухтани таомҳои миллӣ ҳунару маҳорати худро нишон диҳанд.

Кушодашавии озмун бо суханронии ифтитоҳии президенти Клуби “Хонуми ядроӣ” Зарина Сайфиева ва мудири Раёсати магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD АМИТ Мену Мамадюсуфова оғоз гардид.



Барандаи озмун, узви фаъоли Клуби «Хонуми ядроӣ» Зумрад Ғайбуллоева ба ҳамаи иштирокчиёни озмун шартҳои озмунро фаҳмонида, сипас ба онҳо муваффақият орзу намуд. Меҳмони чорабинӣ Ширин Қурбонова – муовини раиси Кумитаи иҷроияи «Хирадмандон»-и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар назди Раёсати АМИТ буд. Ӯ ҳамаи ҳозиринро бо фаророиси фасли баҳор ва ҷашни Наврӯзи оламафрӯз самимона шодбош гуфта, ҳамзамон нуқтаи назари худро дар бораи озмуни мазкур ошкоро баён намуд.

Бад аз анҷоми суханронии табрикотии ташкилоткунандагон ва меҳмонону ҳозирини ҷамъомад, муаррифии ҳар як дастархон дар алоҳидагӣ оғоз гардид. Ҳар як даста аз 5 нафар ва як “Маликаи Наврӯз” иборат буд.

Ҳайати ҳакамон 5 нафар буда, ҳар яки онҳо аз рӯйи ҷадвали панҷбалӣ ба ороиши дастархони наврӯзӣ баҳои холисона гузоштанд.



Ҳар як даста муаррифии (презентатсияи) худро бо ороиши дастархони Наврӯзӣ аз неъматҳои гуногуни табиии сарзамини саховатманди тоҷикон, таомҳои миллӣ, шириниҳо ва хосияти асосии Наврӯз – гандуми сабзида, ки нишонаи фаророиси фасли баҳор мебошад, омода намуданд.

Сипас, аъзои ҳакамон ҳар як дастаро бо таваҷҷуҳи зиёд гӯш карданд, ки онҳо маърӯзаю видеоклипҳои худро намоиш доданд, ки дар он духтарон бо пухтани хӯрокҳои миллӣ ҳунару маҳорати худро ба аҳли ҳузор пешкаш карданд. Ҳар як даста ба намоиши дастархони худ эҷодкорона муносибат карда, бо шавқу ҳаваси калон ба меҳмонон онро муроот намуданд.

Пеш аз эълони натиҷаҳои озмун Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ –и АМИТ суханро ба ноиби президенти Клуби «Хонуми ядрой» Дилором Қаюмова дод. Мавсуф зимни баромади худ нақши муҳимми бонувони ҷавонро дар рушди илми тоҷик хело ҳам арзанда қайд намуд. Инчунин мавсуф зимни суханронии пурмуҳтавои хеш зикр кард, ки воқеан ҳам дар давоми 30 - соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии бонувон ва ҳамзамон дар масъалаи баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа, дар сатҳи Роҳбари давлату ҳукумат корҳои зиёде анҷом дода мешаванд.



Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» аз санаи 3-юми декабри соли 1999, Нақшаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши занон, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он мақсади асосӣ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи пурраи қобилияти занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бо мақсади таъмини рушди устувори ҷомеа аст, номбурда дар фарҷоми суханронии худ ба директори Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади доктори илмҳои техникӣ, дотсент Илҳом Мирсаидзода, ки ба таври пайваста хусусан ҷавондухтарони дар магистратураи АМИТ таҳсилкунанда ва инчунин бонувони олимаро ҳамаҷиҳата дастгирӣ менамояд, изҳори сипос намуд.

Натиҷаи озмунро Илҳом Мирсаидзода директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ эълон кард. Иштирокчиёне, ки ғолиби ҷойҳои 1, 2 ва 3-юм шуда буданд бо тухфаҳои хотиравӣ ва инчунин дипломҳо сарфароз гардонида шуданд. Ба дигар иштирокчиёни фаъол низ ифтихорномаҳо супорида шуд. Ба капитанҳои ҳамаи дастаҳо барои иштироки фаъолонаашон дар рафти баргузории Конфронси 3 – юми байналмилалии илмию амалии «Нақши бонувони олим дар рушди илм, инноватсия ва технология», ки моҳи август дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд баргузор мегардад, даъват карда шуданд.

## МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 2 - ЮМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСИ КЛУБИ “ХОНУМИ ЯДРОЙ”

Ҷамъомади мутантанро бо сухани ифтитоҳӣ директори Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Илҳом Мирсаидзода оғоз намуд. Мавсуф ҳамаи иштирокчиёнро бо таҷлили таъсисёбии ҷашни 2-юмин солгарди Клуби “Хонуми ядрой” ва инчунин ба муносибати 8-уми март - Рӯзи Модар самимона табрику муборакбод намуд.

Дар рафти суханронии худ, директори Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ - Илҳом Мирсаидзода оид ба мавқеи муҳимме, ки бонувон дар ҳаёт, илм ва фаъолияти ҷамъиятии мо ишғол мекунанд, сухан ронда, рушди минбаъдаи клуб ва инчунин расидан ба ҳама ҳадафҳоро барояшон орзу намуд.



Сипас, сухани навбатӣ ба аъзоёни Клуби «Хонуми ядроӣ» аз хориҷи кишвар дода шуд. Онҳо низ дар навбати худ тамоми аъзоёни клубро бо ин рӯзи фархунда самимона шодбош гуфта, ба ҳамаашон шукуфоии минбаъда ва инчунин рушди устувори минбаъдаи клуби минтақавии бонувонро таманно намуданд.

Нодира Ҳакимова – президенти Клуби «Хонуми ядроӣ» ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, ҳамзамон аз рафти фаъолияти дусолаи клуби номбурда ҳисоботи муфассал оид ба натоиҷи корҳои анҷом дода шуда дар давраи соли 2021 дод ва инчунин масъалаи интихоби президенти навро эълон намуд.

Дар рафти муаррифинамоиии (презентатсияи) ҳисоботӣ доир ба баргузории Конфронси II байналмилалии илмӣ-амалии таҳти унвони «Нақши бонувони олим дар рушди илм, инноватсия ва технология», ки рӯзҳои 16-20 августи соли 2021 дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд баргузор гардида буд, мавсуф аз чорабиниҳои хайриявии клуб, лексияҳои иттилоотӣ барои хонандагони мактабҳо ва дигар тадбирҳои фарҳангӣ ёдовар шуд.

Мувофиқи рӯзномаи маҷлис президенти нави клуб ва ду муовини ӯ интихоб гардиданд. Сипас, Сайфиева Зарина - мудири бахши таълимии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, президенти нави Клуби «Хонуми ядроӣ” интихоб гардид.

Ҳамин тариқ, бо овоздиҳии пӯшида муовинони нави Клуби «Хонуми ядроӣ”- Мижгона Шарофова (доктори илмҳои тиб) - мудири озмоишгоҳи биотехнологияи Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави назди Раёсати АМИТ ва директори ғоибонаи Институти тиббии ба номи Авитсена ва фармакология, инчунин Дилором Қаюмова - номзади илмҳои тиб, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи сифати об, изотопҳо ва санитарияи Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз сари нав интихоб карда шуданд.

